# САФОРАТХОНАИ ИМА ШАРОИТИ ЗИНДАГИИ КУРСАНТҲОИ ОМӮЗИШГОҲИ ОЛИИ САРҲАДБОНОНРО БЕҲТАР НАМУД

**Душанбе, Точикистон, 26 феврали соли 2010 -** Шуъбаи назорат оид ба маводи мухаддир ва ҳифзи тартиботу конуни Сафорати ИМА дар Душанбе корҳои сохтмонии марҳилаи якумро дар омузишгоҳи олии сарҳадбонон ба охир расонд. Ин лоиҳа аз тарафи ҳукумати ИМА дастгирӣ шуда яке аз силсилаи лоиҳаҳои ба сарҳадбонони Точикистон кӯмкдиҳандае, ки дар доираи он ба марзбонон оиди тармиму таҷдиди муассисаҳои таълимӣ барои афсарони марзбон кӯмак расонида ҳамин тариқ амнияти Тоҷикистон тақвият дода мешавад.

Дар марҳилаи аввали корҳои сохтмонӣ дар омӯзишгоҳи олии сарҳадбонон, ки хароҷоташ беш аз як миллион доллари амрикоӣ буд, корҳои вайрон кардани иморатҳои мавҷудаи кӯҳна, таъмири пурраи бинои хобгоҳ ва пурра таъмин намуданиҳоҷатхонаҳо ва ҳаммомҳои бинои хобгоҳро бо оби хунук ва гарм дар бар мегирифт. Хобгоҳ инчунин бо зиёда аз 1500 адади мебел таъмин шуд.

Корҳои сохтмонии марҳилаи дуввуми лоиҳа омӯзишгоҳи олии сархадбонон дар марҳилаи иҷрошавӣ мебошад ва охири моҳи майи соли равон ба анчом хоҳад расид. Дар доираи ин марҳила сохтмони ошхонаи нав, варзишгоҳ, шабакаи гармкунӣ, ҳоҷатхонаҳо, гаражҳо, дидбонгоҳи нави тафтиши шиносномаҳо ба анчом хоҳад расид. Пудратчии корҳоисохтмонӣ дар хар ду марҳила ширкати туркии Боздемир Иншаат ва Меҳендислик Лимитед мебошад, ки тавассути тендери байналмиллалӣ интихоб шудааст.

Ҳукумати Иёлоти Муттаҳида омода аст дастгирии худро ба мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистон давом диҳад. Шуъбаиназорат оид ба маводи мухаддир ва ҳифзи тартиботу конуни Сафорати ШМА аз соли 1992 бо макомотҳои ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистон дар иҷроиши лоиҳаҳои кӯмакрасон барои таъмини амнияти марзҳо, дастгирии волоияти қонун ва мубориза алайҳи гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ба ҳисоби умумии зиёда аз 29 миллион доллари амрикоӣ ҳамкорӣмекунад.